# Тақвияти шабакаи тақсимоти барқи ш. Кӯлоб

| | |
|---|---|
| **Макон:** | ТОҶИКИСТОН |
| **Рақами Лоиҳа:** | 55946 |
| **Бахши фаъолият:** | Тақсимоти нерӯи барқ |
| **Намуди эълон:** | ДАВЛАТӢ |
| **Категорияи экологӣ:** | B |
| **Санаи тасдиққунӣ:** | 22 июли соли 2026 |
| **Ҳолат:** | Дар ҳоли омӯзиш қарор дорад |
| **Санаи нашри тавсифи мухтасари лоиҳа (ТМЛ) бо забони англисӣ:** | 14 апрели соли 2026 |

## Тавсифи Лоиҳа

Бонк ният дорад қарзи давлатиро дар ҳаҷми то 10 миллион Евро пешниҳод намояд, ки он бо мақсади маблағгузории азнавсозии хатҳои тақсимоти барқ ва инчунин зерсохтори биллингӣ ва баҳисобгирӣ дар шаҳри Кӯлоб ва атрофи он ба ҶСК "Шабакаҳои тақсимоти барқ" ҳамчун қарз аз нав дода мешавад.

Лоиҳаи пешниҳодшуда дар идома ва бо истифода аз таҷрибаи лоиҳаи "Кам кардани талафоти нерӯи барқ дар вилояти Хатлон (OpID 49930)" амалӣ мегардад, ки дар доираи он Бонк дар муосиркунонии қисми шабакаҳои барқ дар минтақа кӯмак пешниҳод кард ва тақвиятдиҳии зерсохтори мавҷудаи шабакаҳои барқро баҳри афзоиши устувории шиддат ва кам кардани талафоти нерӯ пешбинӣ мекунад.

## Ҳадафҳои Лоиҳа

Лоиҳаи пешниҳодшуда дар идома ва бо истифода аз таҷрибаи лоиҳаи "Кам кардани талафоти нерӯи барқ дар вилояти Хатлон" татбиқ мегардад ва ба таҳкими шабакаҳои тақсимоти барқ дар шаҳри Кӯлоб ва атрофи он нигаронида мешавад. Лоиҳа бартарафсозии яке аз омилҳои асосии монеи рушди иқдисодии кишвар, ки дастрасии маҳдуд ба таъминоти боэътимоди нерӯи барқ ба ҳисоб меравад, ҳадафи худ қарор додааст. Вазифаҳои асосии лоиҳа аз инҳо иборатанд: (i) қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти фаврӣ дар иваз намудани зерсохтори кӯҳнашуда,

(ii) мусоидат ба коҳишдиҳии талафот дар шабакаҳои тақсимот, ки боиси сарфаи хароҷот ва кам шудани партовҳои $CO_2$ ба ҳаво мегардад, инчунин (iii) ҷорӣ намудани зерсохтори муосири биллинг ва баҳисобгирӣ, ки имкон медиҳад интизоми пардохт ва самаранокии ҷамъоварии пардохтҳо баланд бардошта шавад, самаранокии амалиётӣ ва молиявӣ ва устувории соҳаи энергетика низ таъмин гардад.

## Таъсир ба раванди гузариш

Холи арзёбии таъсири чашмдошт ба раванди гузариш (PTI): 70

Лоиҳаи пешниҳодшуда ба таъсири исботшудаи лоиҳаи “Кам кардани талафоти нерӯи барқ дар вилояти Хатлон” ба раванди гузариш (холи кунунии таъсири чашмдошт ба раванди гузариш (PTI) – 71) такя мекунад.

- **Эътимоднокӣ (ҳадафи асосӣ):** Дар натиҷаи навсозии банақшагирифташудаи шабака ва иваз кардани хатҳои тақсимот, эътимоднокии шабакаи барқ дар шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб ба таври қобили таваҷҷуҳ баланд бардошта мешавад. Илова бар ин, лоиҳа аз ҳисоби баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, инчунин ҷорӣ намудани низомҳои биллинг ва баҳисобгирӣ, ба фаъолияти самараноктари корхонаи шабакаи тақсимот мусоидат мекунад.
- **Фарогирӣ (ҳадафи дуюмдараҷа):** Лоиҳа ба боло рафтани рақобатпазирии ҷавонон дар бозори меҳнат аз ҳисоби вусъатдиҳии имкониятҳои ба даст овардани маълумоти касбии баландсифат ва дорои сертификат дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии маҳаллӣ мусоидат мекунад, ки он дар партави кам шудани шумораи ҷойҳои корӣ ва коҳиш ёфтани ҳаҷми интиқоли маблағҳои пулӣ дар натиҷаи буҳрони алоқаманд бо COVID-19 аҳамияти махсусро касб мекунад.

## Маълумот дар бораи муштарӣ

ТОҶИКИСТОН

**Қарзгиранда:** Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи татбиққунандаи лоиҳа:** Соли 2021 дар натиҷаи азнавташкилдиҳии ШСХК “Барқи Тоҷик” таъсис ёфта, муассиса барои истифодабарӣ ва идоракунии тамоми шабакаи тақсимоти барқ дар ҳудуди Тоҷикистон вазифадор мебошад. Он масъули таъмини нерӯи барқ ва равандҳои пешниҳод намудани ҳисобҳо (биллинг) мебошад. Ҷамъият пурра ба давлат тааллуқ дорад.

## Маълумоти мухтасар оид ба маблағгузории БАТР

10,000,000.00 Евро

Қарзи давлатии дарозмуддат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми то 10 миллион Евро, ки маблағҳои он ба муассисаи татбиққунанда баҳри расидан ба ҳадафҳои лоиҳаи аввалӣ аз нав ҳамчун қарз дода мешаванд.

## Арзиши умумии лоиҳа

10,000,000.00 Евро

Қарзи давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми то 10 миллион Евро, ки маблағҳои он ба муассисаи татбиққунандаи лоиҳа ҳамчун қарз аз нав дода мешаванд.

## Хусусияти иловагӣ

Бонк маблағгузории дарозмуддатро, ки барои татбиқи лоиҳа зарур аст, пешниҳод мекунад. Таҷрибаи Бонк дар самти дастгирии техникӣ, ниҳодӣ ва меъёрии ислоҳоти корхонаҳои коммуналии миллӣ ва инчунин дар самти ҳамкории техникӣ ва муколамаи сиёсӣ фаъолияти ҷориро дар соҳаи энергетикаи Тоҷикистон мукаммал месозад.

# Муҳтавои масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ

Лоиҳа ба категорияи Б (СЭИ аз соли 2024) нисбат дода шудааст. Лоиҳа пешниҳоди қарзи давлатиро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми то 10 миллион Евро пешбинӣ мекунад, ки маблағи мазкур ба ҶСК “Шабакаҳои тақсимоти барқ” (ШТБ) барои маблағгузории азнавсозии хатҳои интиқоли барқ ва инчунин зерсохтори баҳисобгирӣ ва биллинг дар шаҳри Кӯлоб ва маҳалҳои атрофи он бо мақсади кам кардани талафоти техникӣ ва баланд бардоштани амният ва эътимоднокии таъминоти барқ ҳамчун қарз аз нав дода мешавад. Лоиҳаи мазкур идомаи фаъолияти ҷории Бонк дар доираи лоиҳаи “Кам кардани талафоти нерӯи барқ дар вилояти Хатлон” маҳсуб меёбад ва ба муосиркунонии зерсохтори мавҷудаи тақсимоти барқ нигаронида шудааст. Интизор аст, ки хавфҳои экологӣ ва иҷтимоии алоқаманд ба онҳо маҳдуд ва хоси корҳои барқарорсозии шабакаҳои таъминоти барқ хоҳанд буд. Дар баробари ин таҳия намудани Нақшаи иловагии чорабиниҳои экологӣ ва иҷтимоӣ (НЧЭИ) зарур намешавад.

Санҷиши ҳамаҷонибаи экологӣ ва иҷтимоӣ (СҲЭИ) дар дохил гузаронида мешавад ва таҳлили фаъолияти ҷории ширкат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, бехатарии меҳнат ва масъулияти иҷтимоӣ, таҳлили маводҳо дар ВАО барои арзёбии ҳамкории умумии муштарӣ бо тарафҳои манфиатдори маҳаллӣ, инчунин арзёбии рафти иҷрои лоиҳа ва риояи талаботҳои НЧЭИ-ро, ки дар доираи лоиҳаҳои қаблан тасдиқшуда мувофиқа гардидаанд, дар бар мегирад.

## Арзёбиҳои экологӣ

### Мутобиқат бо Созишномаи Париж

Лоиҳа бо ҳадафҳои Созишномаи Париж дар самти коҳишдиҳии пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба онҳо дар асоси истифодаи равиши БАТР оид ба мутобиқсозӣ бо Созишномаи Париж дар мавриди сармоягузориҳое, ки мустақиман маблағгузорӣ мегарданд, мувофиқ мебошад.

Лоиҳа бо ҳадафҳои Созишномаи Париж дар самти коҳишдиҳии пайомадҳои тағйирёбии иқлим мувофиқ мебошад, азбаски он ба рӯйхати муштараки лоиҳаҳое дохил карда шудааст, ки ба ҳадафҳои бонкҳои бисёрҷонибаи рушд таҳти категорияи “Интиқол ва тақсимоти нерӯи

барқ, аз ҷумла дастрасӣ ба захираҳои энергетикӣ, ҷамъоварии нерӯ ва идоракунии талабот” ҷавобгӯ мебошанд.

Лоиҳа бо ҳадафҳои Созишномаи Париж дар самти мутобиқшавӣ мувофиқ мебошад, азбаски он бо хавфҳои мавҷудаи физикии тағйирёбии иқлим алоқаманд нест ва бо сиёсати миллӣ дар самти мутобиқшавӣ ё таъмини тобоварӣ ва устуворӣ ба тағйирёбии иқлим дар тамоми низом мухолифат намекунад.

## Нисбатдиҳӣ ба категорияи маблағгузории сабз

100 % маблағгузории БАТР ба категорияи маблағгузории “сабз” нисбат дода мешавад, азбаски он ба дастгирии чорабиниҳое нигаронида шудааст, ки ба ноилшавии ҳадафҳои коҳишдиҳии пайомадҳои тағйирёбии иқлим мусоидат мекунанд. Тақсимот мутобиқи методологияи муайянсозии ҳиссаи маблағгузории “сабз” дар сармоягузориҳои БАТР ва инчунин тавсияҳои мушаххас оид ба “чорабиниҳои ба истифодабарандагони шабакаҳои энергетикӣ нигаронидашуда, ки ба коҳишдиҳии истифода ё ҷорисозии васеътари манбаъҳои барқароршавандаи энергия”, сурат мегирад.

## Ҳамкории техникӣ ва маблағгузории грантӣ

Дар доираи Лоиҳаи мазкур иҷрои супориши зерин оид ба ҳамкории техникӣ (ҲТ) пешбинӣ мешавад:

ҲТ 1: Тамдиди дастгирии ҷорӣ дар татбиқи лоиҳа дар доираи лоиҳаи “Кам кардани талафоти нерӯи барқ дар вилояти Хатлон”: ҷудокунии 100 000 Евро аз ҳисоби маблағҳои донорҳои байналмилалӣ ё Фонди махсуси саҳмдорони БАТР (ФМС) пешниҳод мешавад.

## Маълумот дар бораи Ширкат барои тамос

ҶСК “ШАБАКАҲОИ ТАҚСИМОТИ БАРҚ”
taqsimoti.barq@gmail.com
+992 37 229 5411
https://shtb.tj/
хиёбони Исмоили Сомонӣ, 64. ш. Душанбе, 734026 Тоҷикистон

## Санаи охирин навкунии ТМЛ

14 апрели 2026

## Дарки раванди гузариш

Маълумоти иловагӣ дар бораи муносибати БАТР нисбати баҳодиҳии таъсири раванди гузариш инҷо оварда шудааст.

## Имкониятҳо барои тиҷорат

Оид ба масъалаҳои алоқаманд бо имкониятҳои тиҷоратӣ ё харид, бо ширкати муштарӣ тамос гиред.

Оид ба масъалаҳои алоқаманд бо имкониятҳои тиҷоратӣ бо БАТР (ки бо масъалаҳои харид вобаста нест) тамос гиред:

Тел: +44 20 7338 7168
Суроғаи электронӣ: projectenquiries@ebrd.com

Барои лоиҳаҳои бахши давлатӣ аз пайванди зерин истифода баред Фаъолияти харид дар БАТР:

Тел: +44 20 7338 6794
Суроғаи электронӣ: procurement@ebrd.com

## Дархостҳои умумӣ

Дархостҳои мушаххасро метавонед бо истифода аз Варақаи дархости БАТР пешниҳод намоед.

## Сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ (СЭИ)

СЭИ ва Талабот оид ба татбиқи лоиҳаҳо (ТТЛ) роҳҳое, ки БАТР тавассути онҳо уҳдадориҳои худро ҷиҳати мусоидат ба "рушди аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва устувор" иҷро менамояд, муайян мекунанд. СЭИ ва ТТЛ муқаррароти махсусро барои муштариён оид ба риояи талаботҳои амалкунандаи қонунгузории миллӣ роҷеъ ба иттилооти ҷамъиятӣ ва машварат, аз он ҷумла дар бораи ташкили механизми баррасии шикоятҳо барои қабул ва бартараф намудани нигарониҳо ва ҳалли шикоятҳои ҷонибҳои манфиатдор, бахсус, оид ба фаъолияти муштарӣ ва лоиҳа, ки бо масъалаҳои муҳити зист ва иҷтимоӣ алоқаманданд, дарбар мегиранд. Вобаста аз хусусият ва ҳаҷми хавфҳо ва таъсири экологӣ ва иҷтимоии лоиҳа, БАТР илователан аз муштариёни худ талаб мекунад, ки дар мавриди зарурӣ маълумотро дар бораи хавфҳо ва таъсироти лоиҳаҳо ошкор созанд ё бо ҷонибҳои манфиатдор машваратҳои пурмуҳтаво гузаронида, фикру мулоҳизаҳои онҳоро баррасӣ намоянд ва ба онҳо посух диҳанд.

Маълумоти бештар дар бораи таҷрибаи БАТР дар ин робита дар СЭИ оварда шудааст.

## Росткорӣ ва риояи талабот

Идораи Сармутахассиси БАТР оид ба риояи талабот (ОССО) ба идоракунии шоиста мусоидат намуда, истифодаи стандартҳои олии таҷрибаи росткориро дар тамоми фаъолияти Бонк мутобиқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, таъмин мекунад. Санҷиши маҷмӯии таҷрибаҳои росткорӣ нисбати тамоми муштариёни Бонк бо мақсади пешгирӣ намудани таҷрибаҳое, ки ба росткорӣ ва обрӯву эътибори Бонк таҳдид мекунанд, анҷом дода мешавад. Бонк бар он ақида аст, ки роҳи муассиртарини таъмин намудани росткорӣ дар амалиёти Бонк муайяннамоӣ ва ҳалли масъалаҳо дар марҳилаҳои баҳодиҳӣ ва тасдиқи лоиҳа мебошад. ОССО дар ин талошҳои муҳофизатӣ нақши калидӣ дорад ва инчунин пас аз сармоягузорӣ дар пайгирии таҷрибаҳои таҳдидкунандаи росткорӣ дар лоиҳаҳо кӯмак мекунад.

ОССО инчунин барои таҳқиқи иттиҳомоти қаллобӣ, коррупсия ва рафтори нодуруст дар доираи лоиҳаҳое, ки аз ҷониби БАТР маблағгузорӣ мегарданд, масъул аст. Ҳар як шахс,

новобаста аз он ки дар дохили Бонк ва ё берун аз он аст, дар сурати гумонбарии амали қаллобӣ ё коррупсионӣ бояд ба Сармутахассис оид ба риояи талабот гузориши хаттиро тавассути почтаи электронӣ зерин compliance@ebrd.com ирсол намояд. Тамоми масъалаҳои ирсолшуда аз тарафи ОССО барои қабули чораҳои минбаъда дида баромада мешаванд. Ҳама гузоришҳо, аз ҷумла паёмҳои махфӣ низ баррасӣ мегарданд. Гузоришҳо метавонанд бо ҳама забонҳои Бонк ё кишварҳои амалиёти Бонк тартиб дода шаванд. Маълумоти пешниҳодшуда бояд объективӣ бошад.

## Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот (СДИ)

СДИ пас аз эътибор пайдо намудани он санаи 1 январи соли 2020, роҳҳои ифшо кардани маълумот аз ҷониби БАТР, машварат бо ҷонибҳои манфиатдор ҷиҳати пешбурди огаҳӣ ва фаҳмиши беҳтари стратегияҳо, сиёсатҳо ва амалиётҳоро муайян мекунад. Барои фаҳмидани он, ки дар торнамои БАТР кадом маълумот дастрас аст ба саҳифаи Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот ташриф оред.

Дархостҳои мушаххасро барои гирифтани маълумот метавонед бо истифода аз Варақаи дархости БАТР ирсол намоед.

## Мақоми мустақили ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо (ММҲЛ)

Агар кӯшишу талошҳои Муштарӣ ё Бонк оид ба ҳалли масъалаҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ё масъалаҳои ифшои оммавии иттилоот (масалан, тавассути механизми баррасии шикоятҳои Муштарӣ дар сатҳи лоиҳа ё тавассути ҳамкории мустақим бо роҳбарияти Бонк) бенатиҷа монанд, шахсони алоҳида ва ташкилотҳо метавонанд мушкилиҳои худро тавассути муроҷиат ба Мақоми мустақили ҳисоботдиҳии БАТР оид ба лоиҳаҳо ҳаллу фасл намоянд.

ММҲЛ мушкилиҳоеро, ки дар доираи Лоиҳа аз рӯи тахмин зарар овардаанд (ё метавонанд зарар оваранд), мустақилона мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ҳадафи мақом аз ин иборат аст: дастгирии муколамаи ҷонибҳои манфиатдори Лоиҳа баҳри ҳаллу фасли масъалаҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ва масъалаҳои ифшои оммавии иттилоот; муайян кардани мувофиқати Бонк бо сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ ё муқаррароти сиёсати дастрасӣ ба иттилоот , ки ба лоиҳаҳои мушаххас алоқаманд мебошанд; ва дар ҳолати зарурӣ, аз байн бурдани ҳамагуна ҳолатҳои мавҷудбудаи риоя накардани ин сиёсатҳо ва ҳамзамон пешгирии риоя накардани талабот дар оянда аз ҷониби Бонк.

Лутфан ба торнамои Мақоми мустақили ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо ворид шавед ва маълумоти бештарро дар бораи ММҲЛ ва ваколатҳои он; тарзи пешниҳоди Дархост барои баррасӣ пайдо намоед; ё бо ММҲЛ тавассути суроғаи электронии ipam@ebrd.com барои гирифтани дастур ва маълумоти бештар дар бораи ММҲЛ ва тарзи пешниҳоди дархост, тамос гиред.